«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Муовини вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро
_____________ К. Гулмуродзода

Протоколи
ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои
истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз 30 декабри соли 2022 Шаҳри Душанбе

Раисикунанда, Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ТШСИ) - Гулмуродзода К. Г.

Дар ҷаласа ҳайати Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Шӯро), намояндагони вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, адлия, энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, Кумита давлатии сармояגузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология, кормандони Котиботи ТШСИ, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар шахсони масъули даъватшуда иштирок доштанд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Шарҳи татбиқи ТШСИ дар Тоҷикистон ва шартҳои техникӣ барои тайёр кардани ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019-2021

2. Баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»

3. Баррасии Нақшаи кори Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022-2023

4. Масъалаҳои ҷорӣ

Ҷаласаро Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода К. Г. (минбаъд – Раиси Шӯро) оғоз карда, ҳозиринро бо масъалаҳои баррасишавандаи рӯзнома ва мақсади баргузории ҷаласа шинос намуд.

Раиси Шӯро ёдовар шуд, ки бо мақсади такмил додани усули идоракунӣ дар соҳаҳои истихроҷ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия, таъмин намудани иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назорат аз рӯи воридоти пурраи маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз

фаъолияти марбут ба истихроҷи канданиҳои фоиданок қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №449 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ» қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

Тибқи қарори номбурда ҳайати Шӯрои ТШСИ тасдиқ гардид, ки ба он намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, адлия, энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ, Коалитсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шаффофият барои рушд» дохил гардиданд.

Мақсад аз баргузории чорабинии имрӯза шарҳи корҳои иҷрошуда ва муайян намудани қадамҳои навбати барои татбиқи талаботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бо ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ ва таъсиси Шӯрои миллии ТШСИ Тоҷикистон уҳдадор гардидааст, ки як қатор уҳдадориҳоро иҷро намояд.

Тавре маълум аст, дар натиҷаи амалӣ намудани тадбирҳои зарурӣ моҳи феврали соли 2020, пас аз анҷоми бомуваффақияти раванди дуюми валидатсионӣ, Раёсати ТШСИ тасмим гирифт, ки Тоҷикистон ба пешравиҳои назаррас ноил шуда, ба шумораи давлатҳои пайравони ТШСИ.

Ин пешрафт таваҷҷӯҳи ниҳодҳои молии байналмилалиро ба худ ҷалб кард ва дар соли 2020 Бонки Ҷаҳонӣ тавофуқ кард, ки барои кӯмак ба иҷрои ТШСИ дар кишвар маблағ ҷудо намояд. Дар доираи лоиҳаи мазкур тасмим гирфита шуд, ки ҳисоботҳо оид ба ТШСИ дар Тоҷикистон барои солҳои 2019 ва 2020 нашр карда шавад.

Мутаассифона, бинобар пандемияи Ковид-19 ва раванди тӯлонии тасдиқи дохилии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, тасдиқи лоиҳа сари вакт ба анҷом расонида нашуд ва маблағгузории Бонки Ҷаҳонӣ аз даст дода шуд, ки дар натиҷа ҳисоботи қайдгардида саривакт нашр нагардид. Амали мазкур боиси он гардид, ки Раёсати ТШСИ мақоми Тоҷикистонро боз дошт.

Новобаста аз ин, бо ниҳодҳои молии байналмилалӣ ҷиҳати дастгирии минбаъдаи ТШСИ дар кишвар гуфтушунидҳо идома дода шуданд. Дар ин раванд дар робита ба мактуби расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ ба Шӯрои Байналмилалии ТШСИ муҳлати таҳияи ҳисобот то соли 2023 тамдид карда шуд.

Айни замон бо мақсади дар Тоҷикистон татбиқ намудани талаботи ТШСИ корҳо дар самти ташкили феҳристи дорандагони иҷозатнома барои ҳуқуқи кашф ва истихроҷи канданиҳои фоиданок рафта истодааст.

Дар робита ба ин аз ҷониби шарикони рушд веб-портали «Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ»-ро ташкил карда шудааст, ки дар марҳилаи мувофиқа ва қабули он аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Дар ин раванд аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»» таҳия гардидааст, ки тибқи барномаи баргузории ҷаласа манзури ҳайати Шӯро мегардад. Лоиҳаи мазкур масъалаи мафҳум ва меъёрҳо вобаста ба вазифадор намудани истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ ва мақомоти давлатӣ барои пешниҳод намудани маълумот оид ба молик - бенефитсиар (манфиатгир)-ро дар бар мегирад.

Ҳамзамон дар ҷаласаи имрӯза аз ҷониби масъулин нақшаи кори Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022-2023 ба баррасии Шӯрои ТШСИ пешниҳод карда мешавад.

Сипас коршиноси Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон – Нигматов Ҷ. оид ба масъалаи якуми ҷаласа суханронӣ намуда, шарҳи татбиқи ТШСИ дар Тоҷикистон ва шартҳои техникӣ барои тайёр кардани ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021 ба баррасии ҳайати Шӯро манзур намуд.

Коршинос маълумоти мухтасарро оид ба салоҳиятҳо ва уҳдадориҳои Шӯро, аз соли 2012, яъне аз санаи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ТШСИ то инҷониб татбиқ гардидани ТШСИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кадом корҳо дар ин самт анҷом дода шуданд, пешниҳод намуд.

Илова бар ин, зикр кард, ки дар солҳои 2020-2021 кумаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ барои татбиқи ТШСИ дар Тоҷикистон тасдиқ нашуд. Вале, бо мақсади пешниҳоди ҳисоботи кишвар дар соҳаи истихроҷ ва дастгирии татбиқи талаботи ТШСИ аз моҳи октябри соли 2022 Сафорати ИМА дар Тоҷикистон кӯмаки молиявиро тариқи Корпуси волантерии хизматрасонии молиявӣ (минбаъ - ташкилоти FSVC) пешниҳод намуд.

Зимни вохӯрӣ роҳбари ташкилоти FSVC дар Тоҷикистон - Фатҳулло Дилшод ба ҳайати Шӯро муаррифӣ карда шуд.

Қайд карда шуд, ки бо мақсади омода намудани кардани ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021 аз ҷониби ташкилоти FSVC соли ҷорӣ озмун эълон гардида буд, ки дар он тибқи маълумоти дастрасгардида 4 ширкат иштирок варзид. Дар натиҷа, моҳи декабри соли 2022 тибқи тартиби муқарраргардида ширкати аудиторӣ - ҶДММ «ECOVIS» ғолиби озмун гардид. Ташкилоти мазкур уҳдадор гардид, ки бо назардошти талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияташро ба роҳ мемонад.

Нигматов Ҷ. инчунин дар бораи стандарти ТШСИ - 2019, ки аз 35 талабот иборат аст, маълумот дода, қайд кард, ки аз онҳо 7 талабот асосӣ ва боқимонда зерталаботҳо мебошанд. Дар баробари ин ӯ иброз намуд, ки тибқи талаботи 1 Стандарти ТШСИ арзёбии пешакӣ аз моҳи январи соли 2023 оғоз мегардад.

Тазаккур дода шуд, ки супориши техникӣ оид ба омода намудани ҳисобот барои шиносоӣ ба ҳайати Шӯро тариқи электронӣ ирсол карда шудааст. Дар робита ба ин, аз ҳайати Шӯро, бахусус намояндагони мақомоти давлатӣ ва ширкатҳои истихроҷкунанда хоҳиш ба амал оварда шуд, ки маълумотҳои

заруриро, ки бевосита барои тайёр кардани ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019-2021 зарур аст, саривақт пешниҳод намоянд.

Дар навбати худ, Раиси Шӯро баромад карда, иброз намуд, ки Шӯро бояд ҳар як марҳилаи кори ҶДММ «ECOVIS», ки барои ин кор интихоб шудааст, назорат намояд. Инчунин, ширкати мазкур вазифадор аст, ки дар рафти иҷрои ҳар як марҳилаи кор ба Шӯро ҳисобот диҳад. Зеро, дар ин раванд ҳайати Шӯро метавонад носаҳеҳиву хатогиҳои имконпазирро сари вақт ошкор ва ислоҳ кунанд.

Баъдан тибқи рӯзномаи ҷаласа муовини сардори сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Координатори миллии ТШСИ Тоҷикистон - Яздонзода И. Ҳ. баромад намуда, оид ба зарурати таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» маълумоти мухтасарро ба ҳозирин манзур намуд.

Қайд карда шуд, ки ҳуқуқи бенефитсиарӣ - яке аз ҷанбаҳои асосии шаффофият буда, дар конфронси байналмилалӣ, ки моҳи феврали соли 2016 дар шаҳри Ослои Норвегия баргузор гардид, ҳукуматҳои 51 кишвари узви ТШСИ барои ифшо намудани бенифитсиарҳои ҳамаи ширкатҳои дар бахши истихроҷ дар кишварҳои худ фаъолияткунанда ба мувофиқа омаданд.

Айни замон дар Тоҷикистон феҳристи дорандагони иҷозатнома барои ҳуқуқи кашф ва истихроҷи канданиҳои фоиданок амал менамояд, ки дар он танҳо номи ширкат - дорандаи иҷозатнома нишон дода шуда, молик - бенефитсиари воқеии он нишон дода намешавад, ки мувофиқи мақсад намебошад.

Бо назардошти асосҳои овардашуда тибқи лоиҳаи Қонун ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» пешниҳод мегардад, ки тағйиру иловаҳо ворид гардида, меъёрҳо вобаста ба вазифадор намудани истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ ва мақомоти давлатӣ барои пешниҳод намудани маълумот оид ба молик - бенефитсиар (манфиатгир) пешниҳод карда мешаванд.

Дар як вақт аз ҳайати Шӯро, намояндагони вазорату идораҳо хоҳиш карда шуд, ки бо мақсади саривақт дастрас намудани хулосаи мақомоти худ нисбати лоиҳа мусоидат намоянд.

Оид ба масъалаи сеюми ҷаласа коршиноси ТШСИ - Нигматов Ҷ. баромад намуда, қайд кард, ки нақшаи кори Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022-2023 аз 2 қисми асосӣ иборат буда, дар он масъалаҳои ҳадафҳои афзалиятноки миллӣ, мушкилоте, ки бо идоракунии бахши истихроҷ алоқаманд аст, вазифаҳо, амалҳо, индикаторҳои натиҷаи чашмдошт, муҳлат, иҷрокунандагони масъул, хароҷоти пешбинишаванда ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ муқарарр гардидаанд.

Ҳамзамон, тадбирҳои дар бандҳо ва сутунҳои лоиҳаи нақшаи кори ТШСИ ба ҳайати Шӯро маълумоти муфассалро пешниҳод кард.

Оид ба лоиҳаи нақшаи кории ТШСИ Раиси Шӯро баромад намуда, қайд кард, ки банақшагирии кори ТШСИ яке аз марҳилаҳои муҳимтарини ташкили фаъолият дар самти татбиқи тадбирҳо ва стандартҳои ТШСИ дар Тоҷикистон

мебошад. Бидуни нақшаи пешакии вазифаҳо, муайян кардани ҳадафҳо, хароҷотҳои эҳтимолӣ ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои ташкили кор расидан ба мақсадҳои гузошташуда имконнопазир аст.

Бинобар ин мувофиқи мақсад аст, ки бори дигар ҳайати Шӯро тадбирҳои нақшаи кориро баррасӣ намуда, таклифҳои худро манзкур намоянд. Дар навбати худ, намояндагони вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, саноат ва техноологияҳои нав, рушди иқисод ва савдо ва дигар шахсони масъул дар бобати нақшаи корӣ ва дигар мавзӯҳои ҷаласаи Шӯро баромад намуда, фикру андешаҳои худро пешниҳод карданд.

Дар натиҷаи баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа Шӯро қарорҳои зеринро қабул кард:

1. Гузориши коршинос - Нигматов Ҷ. оид ба шарҳи татбиқи ТШСИ дар Тоҷикистон ва шартҳои техникӣ барои тайёр кардани ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2021 ба инобат гирифта шавад.

2. Интихоб гардидани ҶДММ «ECOVIS» барои омода намудани ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2021 тасдиқ шавад.

3. ҶДММ «ECOVIS»-ро зарур аст, ки дар рафти иҷрои ҳар як марҳилаи кор ба Шӯро тибқи тартиби муқарраргардида ҳисобот ва маълумоти заруриро пешниҳод намояд.

4. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» дар маҷмӯъ маъқул дониста шавад.

5. Лоиҳаи нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022-2023 дар маҷмӯъ маъқул дониста шуда, бо назардошти таклифу пешниҳоди ҳайати Шӯро он такмил дода шавад.

6. Котиботи Шӯро:

- лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»-ро тибқи тартиби муқарраградида барои мувофиқа ба баррасии вазорату идораҳо пешниҳод намояд;
- нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022-2023-ро пас аз такмилдиҳӣ тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Котиби ҷаласаи Шӯро,
муовини сардори сарраёсати сиёсати
буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Координатори миллии ТШСИ дар Тоҷикистон И. Яздонзода